**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№22**

**аз 26 июни соли 2009** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ**

Натиҷаи ҷамъбасти таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидани парвандаҳои ҷиноятии марбут ба азонихудкунӣ ва исрофкориро муҳокима намуда, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

1. Бо назардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии баланди ҷамъиятии ҷиноятҳои марбут ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ зарур аст, ки ҳангоми тафтишот ва баррасии парвандаҳои категорияҳои мазкур таҳқиқи ҳарҷонибаву пурра ва объективонаи ҳолатҳои корро таъмин намуда, чораҳои бо қонун муқарраргардидаро ҷиҳати муайян намудани сабабу шароитҳое, ки барои содиршавии ин ҷиноятҳо мусоидат намудаанд, андешанд.

2. Ҷинояти дар моддаи 245-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) нишондода, ду шакли тасарруфи молу мулки ғайрро бо аломатҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки ба гунаҳгор бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёри ӯ мебошад ва ҳар кадомашон хусусияти хоси худро доро мебошанд, пешбинӣ кардааст. Аз ин лиҳоз, ҳангоми гузаронидани тафтиши пешакӣ ва баррасии парвандаҳои мансуб ба ин ҷиноятҳо зарур аст, ки аломатҳои таркибии азонихудкунӣ ё исрофкориро муайян карда, ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шавад.

3. Таҳти мафҳуми азонихудкунӣ – аз ҷониби шахс ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва ба манфиати худ табдил додани молу мулки ғайр, ки ба ӯ бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, фаҳмида мешавад.

Исрофкорӣ ҳамчун намуди мустақили тасарруф - аз тарафи шахс дар ҳар шакл боғараз, ройгон, бе бозгашт ба фоидаи худ ё шахси дигар бегона кардан ё ин ки истифода намудани молу мулки ба ӯ бовар кардашуда ё дар ихтиёраш бударо дар бар мегирад.

Таҳти мафҳуми молу мулке, ки ба гунаҳгор бовар карда супурда шудааст - молу мулке дониста мешавад, ки ба таври муваққатӣ ё доимӣ дар нигаҳдошти қонунии ӯ қарор дошта, барои онҳо бо ҳуқуқҳои муайян дар хусуси ихтиёрдорӣ кардан, идора намудан, нигоҳ доштан, бурда расонидан ва ғайра дар асоси ӯҳдадориҳои мансабӣ, муносибатҳои шартномавӣ, меҳнатӣ, супоришҳои соҳибмулк ваколатдор карда шудааст.

4. Субъекти ин ҷиноят ба ғайр аз шахсони масъули ҷавобгарии моддидошта, дигар шахсоне низ шуда метавонанд, ки молу мулк ба онҳо бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёрашон мебошад

5. Азонихудкунӣ аз лаҳзае, ки молу мулк ба нигаҳдошти ғайриқонунии гунаҳгор гузашта, ӯ имкони истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ кардани онро пайдо мекунад, ҷинояти хотима ёфта эътироф мешавад.

Исрофкорӣ дар ҳолате ҷинояти хотимаёфта дониста мешавад, ки шахс воқеан молу мулкро ихтиёрдорӣ карда, ҷараёни бегонакунии онро ба анҷом расонида бошад.

Азонихудкуние, ки аз якчанд лаҳзаҳо иборатанду бо қасди ягона равона буда, мақсади умумии ба тасарруфи худ даровардани молу мулки ғайрро дошта бошад, ҷинояти давомдор дониста мешавад.

6. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар ҳамон вақт бо банди «а» қисми 2-и моддаи 245 КҶ такроран дониста мешавад, ки агар шахс қабл аз он як ё якчанд ҷиноятҳои дар моддаҳои 244-251, 254 ва 257-и КҶ, ҳамчунин дар моддаҳои 186, 194, 199, 202-и ҳамин Кодекс пешбинишударо

содир карда бошад.

Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ такроран эътироф намешавад, агар шахс барои ҷинояти қаблан содирнамудааш тибқи талаботи моддаҳои 72-75-и КҶ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод ё парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои пешбининамудаи қонун нисбаташ қатъ гардида ё мутобиқи моддаи 84-и ҳамин Кодекс доғи судиаш барҳам хӯрда ё бардошта шуда бошад.

7. Ҷинояти мазкур дар сурате бо банди «б» қисми 2-и моддаи 245 КҶ бо аломати аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ банду баст карда мешавад, ки агар ҳангоми содир намудани он асосҳои дар қисми 2-и моддаи 39 КҶ пешбинигардида ҷой дошта бошанд.

8. Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ бо аломатӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил дар ҳолате банду баст карда мешавад, ки агар ин ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошанд.

9. Мувофиқи банди 2-и эзоҳи моддаи 244 КҶ андозаи зарари ба шаҳрванд расонидашуда аз рӯи аҳволи моддии ҷабрдида бо назардошти вазъи молу мулкӣ, манбаҳои даромади оилавӣ, вобаста ба шумораи шахсони дар тарбияаш буда, сарчашмаҳои даромад ва ғайраҳо муайян карда шавад.

Ҳангоми банду басти азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ бояд арзиши ашёи тасарруфшуда, дар лаҳзаи содир гардидани кирдор ба асос гирифта шавад.

Бояд дар назар дошт, ки тибқи банди 4-и эзоҳи дар боло зикргардида азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ дар ҳолате ба миён меояд, ки агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз даҳ андозаи маоши ҳадди ақал ё нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

10. Таҳти мафҳуми тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ ба миқдори калон, ки ба гунаҳгор бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёри ӯ мебошад, (банди «а» қисми 3-и моддаи 245 КҶ) арзиши молу мулке дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи маоши ҳадди ақал ё нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёдтар бошад.

Ба миқдори махсусан калон (банди «б» қисми 4-и моддаи 245 КҶ) бошад, арзиши молу мулке фаҳмида мешавад, ки аз андозаи маоши ҳадди ақал ё нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёдтар бошад.

Бинобар ҳамин зарур аст, ки ҳангоми тафтишу баррасии ин қабил парвандаҳо вобаста ба ҳолатҳои зикршуда андозаи зарар ба миқдори ҷиддӣ, калон ва ё махсусан калон муайян карда шуда, кирдори шахс бо қисмҳои дахлдори моддаи 245 КҶ банду баст карда шавад.

11. Бояд ба инобат гирифт, ки мувофиқи моддаи 12-и КҶ ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор бо қонуни дар вақти содир намудани он кирдор амалкунанда, муайян карда мешавад. Бинобар ин барои дуруст банду баст кардани кирдори шахсе, ки тасарруфи молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супурдашуда ё дар ихтиёраш будаҳо содир намудааст, бояд муқаррар карда шавад, ки дар вақти содир намудани ин кирдор қонун кадом андозаи маоши ҳадди ақал ва нишондиҳанда барои ҳисобҳоро пешбинӣ намудааст.

Дар ин маврид дар назар доштан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозаҳои зерини маоши ҳадди ақал: аз 1 июли соли 1991 –190 рубл, аз 1 январи соли 1992 – 340 рубл, аз 1 майи соли 1992 – 700 рубл, аз 1 ноябри соли 1992 – 1260 рубл, аз 1 январи соли 1993 – 2000 рубл, аз 1 майи соли 1993 – 4000 рубл, аз 1 октябри соли 1993 – 8000 рубл, аз 1 майи соли 1995–144 руб, аз 1 марти соли 1996 – 230 руб, аз 1 июли соли 1996 – 322 рубл, аз 1 январи соли 1998 – 1000 рубл, аз 1 майи соли 1998–1000 рубл, аз 1 январи соли 1999 –1 сомонӣ, аз 1 январи соли 2001–3 сомонӣ, аз 1 январи соли 2002–4 сомонӣ, аз 1 апрели соли 2003 5 сомонӣ, аз 1 январи соли 2004 7 сомонӣ, нӣ, аз 1 январи соли 2005 –12 сомонӣ, аз 1 апрели соли 2006 - 20 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳамзамон, ба эътибор гирифтан лозим аст, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 январи соли 2008 таҳти №350 «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» то мутобиқ намудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни мазкур калимаҳои «ҳаҷми ҳадди ақали музди меҳнат», «музди меҳнати ҳадди ақал», «ҳаҷми ҳадди ақали моҳонаи музди меҳнат», «музди меҳнати ҳадди ақали моҳона», ҳамчун калимаҳои «нишондиҳанда барои ҳисобҳо» дониста шудаанд.

Нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдор муқаррар карда мешавад.

Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 ноябри соли 2007 «Дар бораи Буҷети давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2008» нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз 01 июли соли 2008 25 сомонӣ ва бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2008 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2009» аз 01 июли соли 2009 нишондиҳандаҳои зикргардида 35 сомонӣ муайян карда шудаанд.

12. Таҳти мафҳуми ваколатҳои мансабдорӣ – маҷмӯи ваколатҳое дониста мешавад, ки хусусияту аломати таркибии онҳо дар эзоҳи моддаҳои 295 ва 314 КҶ пешбинӣ гардидаанд.

Субъекти ҷинояти дар банди «г» қисми 2-и моддаи 245 КҶ пешбинишуда, шахсоне шуда метавонанд, ки нисбат ба молу мулки ба онҳо бовар карда супурда шуда ё дар ихтиёрашон буда ҳуқуқи идоракунии оперативӣ доранд. Бинобар ин, агар шахс бо истифодаи ваколати мансабдорӣ молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супурдашуда ё дар ихтиёраш бударо ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон ва бебозгашт аз худ карда, онро ба фоидаи худ ё дигарон табдил диҳад, кирдори ӯ бояд бо банди «г» қисми 2-и моддаи 245 КҶ банду баст карда шавад.

Бояд ба эътибор гирифт, ки субъекти ин ҷиноят на танҳо шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораҳои давлатӣ, инчунин, шахсоне дониста мешаванд, ки ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравиро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо иҷро мекунанд.

Тасарруфи молу мулки ғайр бо истифода аз ваколати мансабдорӣ бо кирдорҳои зерин: ба зердастони худ дар бораи ба соҳибияти каси дигар додани молу мулк ё онро аз ҳисоб баровардан, супориши ғайриқонунӣ додан; ғайриқонунӣ пардохти музди меҳнат, нафақа, ёрдампулӣ бо роҳи сохтани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, зиёд нишон додани корҳои иҷрошуда ва ғайраҳо, ки вобаста ба он маблағҳои пулии калон пардохта мешаванд, содир шуданашон мумкин аст.

Аз таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, чунин сӯиистифодаи мансаби хизматӣ, ки гарчанде бо мақсади ғаразнок содир шуда, ба моликияти давлат ё дигар корхона новобаста аз шакли моликияташон зарар расонида, вале ба қасди бе бозгашт ба манфиати худ ё шахси дигар табдил додани он алоқамандӣ надошта бошад, бояд фарқ карда шавад.

13. Агар шахс тасарруфи якчанд молу мулки ғайрро, ки ба ӯ бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, дар маҷмӯъ бо як тарз ва бо қасди ба миқдори калон ё махсусан калон содир карда бошад, он гоҳ кирдори ӯ мувофиқан бо банди «а» қисми 3-и ё банди «б» қисми 4 моддаи 245 КҶ банду баст карда мешавад.

14. Дар мавриди содир кардани тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, қасд бевосита барои ба даст овардани молу мулки ғайр ба миқдори калон ё махсусан калон равона шуда, он бо сабабҳои аз гунаҳгор вобастанабуда, то ба охир расонида нашуда бошад, ин кирдор бояд ҳамчун сӯиқасди тасарруфи молу мулки ғайр ба миқдори калон ё махсусан калон ҳисобида шавад.

15. Ҳангоми аз ҷониби шахс содир намудани тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба ӯ бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, бо роҳи сохтакорӣ ё қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк, ин кирдорҳо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо моддаҳои дахлдори КҶ банду баст карда мешаванд.

16. Агар азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби шахсоне, ки дорои ваколати мансабӣ намебошанд, бо роҳи сохтакории ҳуҷҷатҳо содир шуда бошад, он гоҳ ҳаракатҳои онҳо бояд барои маҷмӯи ҷиноятҳо бо моддаҳои 245 ва 340-и КҶ банду баст карда шавад. Дар дигар ҳолатҳо, агар ин ҷиноят дар шарикӣ бо шахси мансабдор содир шуда бошад, кирдорҳо бояд ҳамчун ҳамиштирокчӣ дар сохтакории хизматӣ банду баст карда шавад.

17. Ба моликияти худ табдил додани молу мулки ғайр ё дигар ашёҳои арзишнок аз рӯи созишномаҳои меҳнатии қалбакӣ ё дигар шартномаҳо дар намуди музди меҳнат барои иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки дар асл қисман ё пурра иҷро нашудаанд, аз рӯи маслиҳати пешакӣ байни шахси дорои ваколати мансабдорӣ ва дигар шахсон, ки чунин аҳдро баста, дар гирифтани маблағҳо иштирок кардаанд, бояд ҳамчун тасарруф, ки барои он ҳам шахсони дорои ваколати мансабдорӣ ва ҳам шахсони воқеӣ, ки дар маслиҳати пешакӣ иштирок намуда, ин молҳоро соҳиб шудаанд, ҷавобгар мебошанд, банду баст карда шавад.

Ба даст овардани маблағҳои пулӣ аз ҷониби корманди соҳаи хизматрасонии аҳолӣ, ки аз рӯи нархномаҳо барои иҷрои корҳо бо истифода аз ашё ва молҳои корхона аз фармоишгар

гирифтааст, бояд ҳамчун тасарруфи молу мулки ғайр дониста шавад.

Дар сурате, ки ҳангоми содир намудани ин ҳаракатҳо аз ашё ва молҳои корхона истифода нашуда бошад, ин кирдор бояд бо моддаи 253-и КҶ ҳамчун расонидани зарари молу мулки бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ банду баст карда шавад.

18. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ҳангоми муайян намудани нарх ва андозаи молу мулки тасарруфшуда, бояд муқаррар карда шавад, ки молу ашёҳо бо кадом нарх гирифта шудаанд.

Ҳангоми муайян кардани миқдори зарари расонидашуда ва банду басти ҷиноят зарур аст, ки арзиши молу мулки тасарруфшуда бо назардошти хароҷотҳои истеҳсолӣ, ба даст овардан, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди ин маҳсулот ва мол ба инобат гирифта шавад. Дар сурати мавҷуд набудани имкониятҳои муайян намудани арзиши молу мулки тасарруфшуда, нархи онҳо бояд дар асоси хулосаи экспертон дар вақти содир кардани ҷиноят муайян карда шавад.

Арзиши ҳар ашё, маҳсулот ва молҳои тасарруфшуда бояд аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ аввал дар алоҳидагӣ ва баъдан дар маҷмӯъ дақиқ муайян карда шавад.

Ба мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ зарур аст муқаррар намоянд, ки шахси гунаҳгор молу мулки тасарруфшударо ба куҷо, ба киҳо, бо кадом роҳ ва ба кадом манбаҳо сарф намудааст. Дақиқ муайян накардани ин ҳолатҳо, ки ба ҳал кардани масъалаи исботи гуноҳ таъсир расонида, дар мурофиаи судӣ бартараф намуданашон ғайриимкон бошад, асос барои ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парванда шуда метавонад.

19. Дар сурати ошкор гардидани ҳолати аз ҷониби шахс анҷом додани аҳдҳои молу мулкӣ ё амалиётҳои дигар бо маблағҳои пулӣ ё молу мулкие, ки дар натиҷаи содир намудани ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба даст оварда шудааст, ба мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судҳо зарур аст, ки масъалаи дар кирдори гунаҳгор ҷой доштани ҷинояти дар моддаи 262-и КҶ пешбинигардида, яъне ба расмият даровардани (қонунӣ гардонидани) маблағҳои пулӣ ё молу мулки дигари ғайриқонунӣ ба даст овардашударо мавриди муҳокима қарор дода, дар ин хусус қарори қонунӣ ва асоснок қабул намоянд. Дар ин маврид кирдори шахс аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо моддаҳои 245 ва 262-и КҶ банду баст карда мешавад.

20. Зарари аз ҷиноят расонидашуда, чун қоида дар шакли аслӣ рӯёнида мешавад, вале дар сурати ғайриимкон будан арзиши молу мулки тасарруфшуда аз рӯи нархҳое, ки ҳангоми баровардани ҳукм амал мекунанд, муайян карда мешавад. Дар чунин ҳолат маблағи рӯёнидашаванда ба банду басти кирдор таъсир намерасонад.

Бо назардошти беқурбшавӣ (инфиляция) ва азнавҳисобкунии минбаъда (индексация) қисми норӯёнидаи зарар бо тартиби мурофиаи гражданӣ рӯёнида мешавад.

Дар сурати тасарруфи молу мулк ва дигар ашёҳои қимматнок, ки ба онҳо бо қонунгузорӣ тартиби махсуси муайянкунии андозаи зарар пешбинӣ гардидааст (металлҳо, сангҳои қимматбаҳо ва ғайра) арзиши ашёи тасарруфгардида бояд мувофиқи ҳамин тартиб муқаррар карда шавад.

Зимни банду басти тасарруфи асъори хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои маблағгузоронӣ, фондҳои қимматнок бо асъори хориҷӣ, бояд арзиши яккарата аз рӯи қурби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, дар рӯзи содиршавии ҷиноят, ба асос гирифта шавад.

21. Дар вақти ҳалли масъалаи таъини ҷазо барои ҷиноятҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, мутобиқи талаботи қонун бояд, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунандаю вазнинкунандаи ҷазо, ҳамчунин таъсири ҷазои таъиншуда барои ислоҳшавии маҳкумшуда, пешгирии ҷиноятҳои нав ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ба инобат гирифта шавад.

Ҷазои камтар ё сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, ё шартан татбиқ накардани ҷазоро танҳо дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳое, ки дар моддаҳои 63 ва 71-и КҶ пешбинӣ шудаанд, бо ҳатман дар ҳукм нишон додани асосҳои қарори қабулшуда, таъин намудан мумкин аст.

22. Судҳо бояд талаботи қонунро оид ба татбиқ намудани ҷазоҳои иловагӣ дар намуди мусодираи молу мулк бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, бемайлон риоя намоянд.

Дар санксияи қисми 3-и моддаи 245 КҶ дар баробари ҷазои асосӣ, ҷазои иловагии мусодираи молу мулк ҳамчун интихобӣ нишон дода шудааст. Дар чунин ҳолат судяҳо бояд

масъалаи нисбати гунаҳгорон татбиқ кардан ё накардани ин ҷазои иловагиро дар ҳукм муҳокима намоянд. Дар санксияи қисми 4-и моддаи зикргардида бошад, ҷазои иловагии мусодираи молу мулк ба сифати ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, аз ин рӯ судҳо метавонанд онро танҳо дар сурати ҷой доштани шартҳои дар моддаи 63-и ҳамин Кодекс пешбинишуда, бо ҳатман дар қисми асосноккунонии ҳукм нишон додани қарори қабулшуда, татбиқ накунанд.

Ҳангоми татбиқ намудани ҷазоҳои иловагӣ дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, судяҳо бояд вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси кор дар қисми асосноккунонии ҳукм онро муҳокима намуда, дар қисми хулосавии ҳукм қайд намоянд, ки маҳкумшудагон аз ҳуқуқи ишғоли кадом мансабҳо ё машғул шудан ба кадом фаъолиятҳо маҳрум карда мешаванд.

Мақомоти тафтишоти пешакиро зарур аст, ки ҳангоми тафтиши парванда ҷиҳати таъмини иҷрои ҷазои иловагӣ, яъне мусодираи молу мулк ва рӯёнидани зарарҳои дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда, мувофиқи қонунҳои амалкунанда чораҳои қатъӣ андешанд.

Ба судҳо фаҳмонида шавад, ки дар асоси Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пул, мол, ашё ва дигар сарватҳои ба гунаҳгорон тааллуқдоштаро, ки дар натиҷаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба даст овардаанд, ба фоидаи давлат гузаронида, тақдири дигар далелҳои шайъиро ба таври қонунӣ ҳал намоянд.

Дар назар доштан зарур аст, ки бояд ҳама гуна воситаҳои нақлиёт ва дигар ашёи ба гунаҳгор тааллуқдошта, ки ба сифати олоти ҷиноят ҳангоми содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ истифода шудаанд, ба фоидаи давлат мусодира карда шуда, иҷроиши онро судяҳо таҳти назорат қарор диҳанд.

23. Диққати судҳо ба зарурияти дар марҳилаи ба суддиҳӣ аз рӯи маводи ҳар як парвандаи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ба он равона шуда, муайян карда шавад, ки чораҳои андешидашуда, барои таъмини ҷуброни зарари моддии дар натиҷаи тасарруф расонидашуда, то чӣ андоза самаранок ва кофӣ мебошанд. Дар ҳолатҳои зарурӣ бояд ҳамин гуна чораҳоро андешанд, дар сурати ғайриимкон будани барқарор кардани камбудию норасоиҳо парванда ба мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти иловагӣ баргардонида шавад.

24. Ба судҳо лозим аст мавриди дида баромадани парвандаҳо оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, дар сурати мавҷуд будани асосҳо таъиноти (қарорӣ) хусусӣ бароварда, диққати мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё шахсони мансабдорро ба ҳолатҳои аз рӯи кор ошкор кардашудаи вайронкунии қонун, сабабу шароитҳое, ки ба содир гардидани ҷиноятҳои зикргардида, мусоидат кардаанду дидани чораҳои дахлдорро талаб менамоянд, ҷалб кунанд.

Бо назардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳои марбут ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ бояд судҳо таҷрибаи баррасии парвандаҳои зикргардидаро мунтазам ҷамъбаст намуда, хатогиҳои дар вақти пешбурди парвандаҳо роҳ додашударо саривақт ошкор карда, оиди бартараф намудани онҳо чораҳои дахлдор андешанд.

Ҳамчунин, бобати пешгирӣ ва бартараф намудани сабаб ва омилҳои содиршавии ин қабил ҷиноятҳо ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ судҳо бояд мурофиаҳои сайёри судӣ гузаронида, ба муҳокимаи қарорҳои судӣ муваффақ гарданд.

25. Ба судҳои зинаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ зарур аст, ки ҷиҳати баррасии саривақтӣ, қабули қарори қонунӣ ва асоснок, иҷроиши санадҳои судӣ марбут ба ҷиноятҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, назоратро пурзӯр намоянд.

26. Бинобар қабул гардидани Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2 аз 11 июли соли 1994 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои дуздии моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» беэътибор дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**